*ТДУ 373 (575.3)*
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-2-150-154***

## *ИНКИШОФИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИЮ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ*

***Имомова Муборак Абдулазизовна,*** *унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров». (Тоҷикистон, Хуҷанд*

## *РАЗВИТИЕ ТВОРЧЕСКОЙ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ АКТИВНОСТИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ*

***Имомова Муборак Абдулазизовна,*** *соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени акад.Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

## *DEVELOPMENT OF CREATIVE COGNITIVE ACTIVITY OF PRIMARY SCHOOLCHILDREN IN EDUCATIONAL PROCESS*

***Imomova Muborak Abdulazizovna****, claimant for candidate degree of the department of social and professional pedagogy under the SEI "KhSU named after academician B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand)* ***E-mail:*** *imomova3103@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ****: фаъолнокии эҷодии маърифатӣ, раванди донишандезӣ, ҳавасмандӣ, мактаби ибтидоӣ, қобилият, кунҷковии кӯдак, дарс, фаъолияти беруназдарсӣ, шавқу рағбат, муошират, худомӯзӣ*

*Дар мақола масъалаи инкишофи фаъолияти эҷодии маърифатии хонандагони хурдсол дар раванди таълим баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки барои рушди бомуваффақияти фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон омӯзгор бояд пеш аз ҳама худаш эҷодкор бошад. Агар омӯзгор худаш эҷодкорона фаъолият накунад, он гоҳ кӯдакони боистеъдод наметавонанд имконоти худро кашф ва амалӣ намоянд. Ба ҳар як омӯзгор зарур аст, ки ба кори бонизоми ҳадафманди ташкили дарсӣ ва беруназдарсӣ саъю кӯшиш намояд. Низоми кори дарсӣ ва беруназдарсӣ бояд аз тарафи омӯзгор ҳамроҳ бо дигар иштирокдорони раванди педагогӣ: хонандагон, падару модарони онҳо, кормандони муассисаҳои ғайримактабӣ таррохӣ карда шавад. Бинобар ин дар муассисаи таҳсилотӣ ташкил намудани маҳфилҳои фаннӣ, клубҳои таъминкунандаи шавқу раибатҳои гуногуни таълимгирандагон зарур мебошад. Онҳо муҳити муошират ва амалҳои муштараке хоҳанд гардид, ки дар онҳо хонандагон худро, имкониятҳои худро месанҷанд, муайян мекунанд ва ба воқеиятҳои соҳаи шуғли мавриди шавқу рағбаташон мутобиқ мешаванд.*

***Ключевые слова****: творческая познавательная деятельность, познавательный процесс, мотивация, начальная школа, способность, любознательность ребенка, урок, внеклассная деятельность, увлечения, общение, самостоятельная работа*

*Рассматривается развитие творческой познавательной активности младших школьников в процессе обучения. Отмечается, что для успешного развития творческой познавательной деятельности учащихся учитель должен в первую очередь творчески подходить к учебному процессу, так как без творческого подхода талантливые дети не смогут раскрыть и реализовать свой потенциал. По мнению автора, каждому учителю необходимо прилагать усилия для систематической и целенаправленной работы по организации уроков и внеклассных мероприятий, система урочных и внеурочных занятий должна разрабатываться учителем совместно с другими участниками педагогического процесса: учащимися, их родителями, сотрудниками внешкольных учреждений. Подчеркивается необходимость организации в учебных заведениях предметных кружков, кружков, обеспечивающих разные интересы учащихся, которые станут средой общения и сотрудничества, где учащиеся смогут проверять себя, выявлять свои способности и адаптироваться к реалиям интересующей их области.*

***Key words****: creative cognitive activity, cognitive process, motivation, elementary school, ability, curiosity of the child, lesson, extracurricular activities, hobbies, communication, self-sufficient work.*

*The article dwells on the development of creative cognitive activity of younger schoolchildren in the educational process. It is underscored that for successful development of creative cognitive activity of students, the teacher must first of all be creative. If a teacher does not work creatively, then talented children will not be able to reveal and realize their potential. Every teacher needs to make an effort to systematically and purposefully organize lessons and extracurricular activities. The system of classroom and extracurricular activities should be developed by the teacher together with other participants in the pedagogical process: students, their parents, employees of out-of-school institutions. Therefore, it is*

*necessary to organize subject circles in educational institutions, circles that ensure the different interests of students. They will be a communication and collaboration environment in which learners test themselves, discover their abilities, and adapt to the realities of their field of interest.*

Синни хурди мактабӣ яке аз давраҳои калидии мусоид барои фаъолнокии эҷодии маърифатӣ мебошад. Фаъолнокии эҷодии маърифатии мактаббачагони хурдсол дар раванди донишандӯзӣ ва талош варзидан хиҳати ҳалли масъалаҳои омӯзишӣ ташаккул меёбад.

Яке аз муаммоҳои таҳсилоти муосир баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон ба фаъолияти таълимӣ махсуб меёбад. Ташаккули ҳавасмандӣ - ин моҳиятан, ташаккулёбии худи шахсият мебошад. Ҳама муҳаққиқон эътироф мекунанд, ки ҳавасмандӣ ҳастии шахсро ташкил дода, фаъолияти андешарониро инкишоф медиҳад ва ба он ҷанбаи эҷодӣ мебахшад. Инчунин, раванди фарогирии донишҳоро бо корбурди амалии онҳо узван пайваст намуда, имкон медиҳад, ки донишҳои қаблан мавҷудбуда барои фарогирии донишҳои нав истифода шаванд.

Дар кӯдак вуҷуд доштани ангезаҳои омӯзиш яке аз муҳимтарин шароити муваффақиятнокии таълими ӯ дар мактаби ибтидоӣ мебошад. Инкишофи эҷодӣ танҳо ҳангоми дар кӯдак вуҷуд доштани ҳавасмандии мусбат имконпазир аст. Тавре ки маълум аст, эходиёт бидуни маҷбуркунӣ рушд меёбад. Дар раванди рушди фаъолнокии эҷодӣ ба вуҷуд овардани ҳавасмандӣ лаҳзаи муҳим мебошад, ки ба эҳтиёҷоти заминавии шогирдони синни хурди мактабӣ асос меёбад. Барои пурра ба кор водор намудани мактаббачаи хурдсол лозим аст, ки вазифаҳои дар назди хонандагон дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ гузошташаванда на танҳо фаҳмо бошанд, балки ботинан қабулшуда бошанд, то ки онҳо аҳамият пайдо намуда, дар эҳсосоти онҳо моилшавӣ пайдо намояд. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолнокии маърифатии хонандагон методҳоеро истифода намудан зарур аст, ки таъйиноти онҳо ташаккулдиҳии рағбат ба ашё, фаъолсозии хонандагон, рушди амалиёти фикрӣ бошад.

Ба ақидаи Н.Ф.Тализина барои он ки муносибати мусбати кӯдакон ба фаъолияти таълимӣ нигоҳ дошта шавад, лозим аст, ки шароити зерин иҷро шаванд: шомил намудани хонандагон дар ҳалли вазифаҳои маърифатӣ, ки дар раванди он онҳо дар бораи олами атрофи худ чизҳои нав хоҳанд донист; дар ин ҳол хонандагон бояд на донишҳои тайёр ба даст оваранд ва фақат онҳоро ба хотир гиранд, балки маҳз онҳоро барои худ кашф кунанд [9].

Зарур аст, то ки кӯдак дар раванди таълим аз он хушҳол гардад, ки ӯ чизеро донист, фаҳмид, чизеро омӯхт, - пас дар ӯ ҳавасмандии мувофиқ ба сохтори фаъолияти таълимӣ инкишоф меёбад.

С.Л.Рубинштейн чунин ҳисоб мекард, ки эҷодиёт - ин фаъолияти «созандаи ин ё он чизи нав, асил, ки зимнан на танҳо ба таърихи рушди худи эҷодкор, балки ба таърихи инкишофи илм, санъат ва uайра низ ворид мегардад» [7,с.214].

Дар асарҳои Я.А.Пономарёв эҷодиёт, ба маънои васеи он, ҳамчун механизми рушд, ҳамкории омили инкишоф баррасӣ мегардад. Эҷодиёти инсон - яке аз шаклҳои мушаххаси зуҳуроти механизми мазкур мебошад [8,с.32].

В.А.Сухомлинский эҷодиётро ҳамчун соҳаи вижаи ҳаёти маънавӣ, худсобиткунӣ таъриф намудааст, вақте ки худвижагӣ ва фардияти ҳар як кӯдак инкишоф меёбад [2,с.122]. Л.И.Запорожченко эҷодиёти мактаббачагонро ҳамчун соҳаи вижаи сифатӣ ва ҳамзамон ҷамъиятӣ баррасӣ мекунад, зеро натиҷаҳои он бевосита ба шахсияти хонанда нигаронида шуда, ба шавқу завқи раванди маърифат, тарбияи эҳтиёҷот ба кор кардан, сифатҳои волои ахлоқӣ таъсир мерасонад [3,с.50]. А.Н.Леонтев чунин ҳисоб мекунад, ки барои раванди таълим таърифи анъанавии эҷодиёт ба баъзе ислоҳоти муайян ниёз дорад. Хонандагон дар аксарияти мутлақи ҳолатҳо барои ҷомеа арзишҳои нав ба вуҷуд намеоваранд. Онҳо ҳамон арзишҳои ба ҷомеа пештар маълумбударо такроран ба вуҷуд меоваранд. Бинобар ин, эҷодиётро дар робита бо раванди таълим бояд ҳамчун шакли фаъолияти таълимгиранда таъриф намуд, ки ба офаридани арзишҳои объективӣ ва субъективии барои ташаккули шахсият му{им равона шудааст [4, с.53].

Муҳаққиқ В.И.Андреев тасдиқ мекунад, ки бешубҳа, сифати муҳими эҷодиёт меъёри инкишофи шахсияти инсон, фарҳанг ва ҷомеа дар умум мебошад. Яъне эҷодиёти воқеӣ бояд боиси рушди шахсияти инсон ва инкишофи фарҳанги инсонӣ гардад. В.И.Андреев чунин мепиндошт, ки шахсияти эҷодӣ - ин ҳамин гуна навъи шахсият аст, ки барои ӯ самтгирии

эҷодиёт, устувор, фаъолнокии ангезавию эҷодӣ хос мебошад. Он дар ягонагии органикӣ бо дараҷаи олии қобилиятҳои эҷодӣ зоҳир мегардад, ки ба ӯ имкон медиҳад, ба натиҷаҳои муҳими назаррас (пешқадам, иҷтимоӣ ва шахсӣ) дар як ё якчанд намудҳои фаъолият ноил гардад [1,с.32].

Мактаби ибтидоӣ - давраи пурмасъулияттарин дар ҳаёти инсон аст, зеро дар синфҳои ибтидоӣ таҳкурсии он чизе гузошта мешавад, ки минбаъд инкишоф ёфта ва бо мурури синну сол мустаҳкам мегардад. Бинобар ин, таълиму тарбияи шогирди хурдсоли мактаб вазифаи басо пурмасъулият мебошад. Дар дасти омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, амалан тақдири инсон қарор дорад ва бо ин тақдир лозим аст, ки хеле боэҳтиёт муносибат намуд. Шогирди хурдсоли мактаб ҳанӯз инсони хурдсол, вале бо олами ботинии худ, бо вижагиҳои инфиродию психологии худ хеле мураккаб мебошад. Омӯзгор дар шуури шогирди хурдсоли худ мавқеи бузург дорад. Муносибати ӯ бо кӯдак, баҳодиҳӣ, мулоҳизаҳо, хоҳишҳо ва талабот ба дараҷаи зиёд кайфияти ҳоли кӯдак ва вижагиҳои худбаҳодиҳии ташаккулёфта дар шогирдони хурдсоли мактаб маҷмӯи мураккаби эҳсосот мебошанд. Инҳо хушнудӣ аз таҳсин ва ранҷиш аз нобарорӣ, изтироб ва нобоварӣ ба худ, агар ба чизе муваффақ нагардад, эҳсоси тарс аз иштибоҳ ва умед бастан ба комёбӣ ба ҳисоб мерав止. Агар омӯзгор ба муқобили зуҳуроти фаъолнокии эҷодии маърифатии мактаббачаи хурдсол баромад кунад, он гоҳ оғози эҷодии кӯдак метавонад ба нестӣ равад. Омӯзгор ба донишҳо дар бораи шахсияти эҷодкор, моҳияти фаъолнокии эҷодӣ ва раванди ташаккулёбии самтҳои ояндадори фаъолият, интихоби шаклу намудҳои рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон эҳтиёҷ дорад. Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқоти пажӯҳишҳои П.Торренс нишон доданд, муносибати омӯзгорон ба кӯдакони эҷодкор, асосан, ҷанбаи манфӣ дорад. Агар аз омӯзгорон хоста шавад, ки номи кӯдаконеро, ки дар синф бартарӣ доранд номбар кунанд, онҳо асосан, кӯдакони дорои зеҳнияти баланд рушдкарда, вале бидуни қобилияти эҷодиро интихоб мекарданд. Ин бо он тавзеҳ мегардад, ки кӯдакони эҷодкор, тибқи мулоҳизоти худи омӯзгорон, аксаран “бартарӣ аз болои омӯзгор”-ро нишон медиҳанд ва “ҳамеша маълум нест, ки аз онҳо чиро мунтазир метавон гардид”. Дар айни замон кӯдакони дорои зеҳнияти баланд, асосан, тибқи чашмдошти омӯзгорон рафтор карда, талаботи онҳоро пурра иҷро мекунанд. Чунин муносибат аз тарафи омӯзгор ба муносибати хонандагони дигар нисбат ба шогирдони эҷодкор таъсир мерасонад [10, с.24].

Тибқи таҳқиқоти С.В.Максимова шахсияти “хонандаи ормонӣ” барои омӯзгорон аз рӯйи тавсифномаи худ бо шахсияти эҷодӣ монандӣ надоранд. Омӯзгорон мехостанд бо хонандогони дорои сифатҳои зеҳният, муташаккилӣ, интизомнокӣ, пурандешӣ, одамдӯстӣ, самимият, накукорӣ кор кунанд. Аммо омӯзгорон ба тавсифномаи ҳамаи шахсони барҷаста, ки кешиш ба эҷодиёт доранд, баҳои сазовор медиҳанд. Омӯзгорон, яқинан, вижагиҳои ақлонии кӯдакро бо самтгирӣ ба дониш ва имконияти азхудкунӣ нисбат ба фаъолнокии эҷодии маърифатӣ тарҷеҳ медиҳанд. Чунин тавсифномаҳои хонандагон ба мисли “ғайриоддӣ”, “мустақил”, “пешгӯишаванда” дар назди омӯзгорон боэътибор мебошанд [5,с.62]. Омӯзгорон вижагиҳои шахсияти эҷодии кӯдакро, ки дар рафтор ва тафаккури ғайриқолабӣ ифода меёбад, нафаҳмида ва идрок накарда, чунин кӯдаконро ҳамчун якрав, ҳама чизро бо хоҳиши худ иҷро кардан, ба намунаҳои мусбат пайравӣ карда натавонистан, нахостан ва ưайра баҳо медиҳанд.

Дуруст нафаҳмидан ва аз будаш кам баҳо додан ба кӯдаки боистеъдоди эҷодкор, имкон намедиҳад, ки барномаи таълимӣ бомуваффақият азхуд карда шавад, ҳар қадар, ки ба эҳтиёҷот ва имконоти хонандагон беҳтар мутобиқ нашуда бошанд. Бинобар ин, интихоб ва амалисозии барномаҳои рушди фаъолнокии эҷодии маърифатӣ бояд танҳо баъд аз таълим додани омӯзгорон татбиқ гардад. Яке аз роҳҳои рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон аз тарафи омӯзгорон дигаргун карда шудани мавқеи онҳо ба самти мусбат нисбат ба кӯдакони эҷодкор, барои онҳо фароҳамоварии фазои мусоид, “иқлими нарм”-и мусоидаткунанда ба шукуфонии қобилиятҳои эҷодии онҳо мебошад. Барои ин омӯзгор бояд ба шогирдони хурдсоли мактаб имконияти бозгӯ намудани ғояҳои эҷодиашро фароҳам созад, барои ин кор вақт пайдо кунад, бодиққат ба суханони кӯдак гӯш диҳад. Омӯзгори мактаби ибтидоӣ бояд ба ҳар як хонанда барои худро ва қобилияти худро ба эҷодкорӣ фаҳмиданаш ёрӣ расонад, инчунин ба падару модарон барои шиносондани кӯдакони эҷодкор кемак расонад. Муҳити синф бояд озодии ифодакунӣ, масъалаҳо ва ҳамкориҳои хонандагонро таъмин намояд. Банақшагирии вазъиятҳо ва масъалаҳои таълимӣ зарур аст, вақте ки кӯдакон медонанд, ки иштироки онҳоро истиқбол мекунанд ва ба қадрашон мерасанд.

Кӯдак дар муҳити хайрхоҳӣ, эътимод, тараҳҳум ва эҳтиром саъй мекунад, ки имкониятҳои

худро пурра кашф намояд. Вақте ки ӯ мебинад, ки қадру қимат, андешаҳои мустақилона, ҷустуҷӯи эҷодиашро қадр мекунанд, ба ҳалли масъалаҳои боз ҳам мураккабтар кӯшиш мекунад. Барои ӯ эҳсос кардани ин нукта хеле муҳим аст, ки ӯро эътироф мекунанд, нуқтаи назари ӯро қадр мекунанд ва ба ӯ эътимод доранд.

Ба омӯзгор зарур аст, дар мактаббачагони хурдсол худбаҳодиҳии ба қадри кофӣ баландро ташаккул диҳад, ки он онҳоро ба фаъолият ҳавасманд менамояд. Барои ин кор омӯзгор бояд муваффақиятҳои инфиродии ҳар як хонандаро қайд намояд; ба таври воқеӣ баҳо диҳад ва аз шакли лозимии ҳавасмандкунӣ истифода намояд. Агар ҳавасмандкунӣ ба иқдоми оддӣ мубаддал шавад, онро бояд қатъ намуд. Муҳим он аст, ки шогирди мактаб қаноатмандӣ ва эҳсосоти мусбатро аз кори хуб иҷрошуда ҳосил намояд.

Омӯзгор бояд ба хонандагон нишон диҳад, ки асолат хусусияти муҳими эҷодӣ мебошад. Ӯ бояд дастовардҳоро қадр намуда, ба нобарориҳо чандон таваҷҷуҳ накунад. Иштибоҳҳои кӯдаконро беҳтар аст ҳамчун таҷрибаи аз тарафи онҳо андухташуда, аммо на баҳонаи ҷазодиҳӣ ва ришханд задан ба онҳо баррасӣ намуд. Вазъият дар синф бояд тавре бошад, ки тарсу ҳароси хонандагон аз иштибоҳ кардан дар сатҳи ҳадди ақал қарор дошта, саъю талоши онҳо дар ҷиҳати зоҳир намудани фаъолнокии эҷодӣ, ҳатто ҳангоми нобарории кор ҳам имконпазир гардад.

Ба ақидаи А.М.Матюшкин ҳавасмандкунии фаъолнокии эҷодӣ метавонад бо роҳи худдорӣ кардан аз нақшаи ҷиддии дарс амалӣ гардад, вақте ки аксарияти хонандагон ба ин ё он масъала ё проблема таваҷҷуҳ зоҳир намуда бошанд. Агар дар синф фазо ва иқлими мусоид барои эҷодиёти шогирдон фароҳам шуда бошад, ин боиси тағйирёбии мақоми иҷтимоии боистеъдодтарин хонанда ва ивазшавии самтгирии арзишии ҳамаи хонандагон дар синф мегардад, ки ин барои баланд бардоштани мавқеи фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон мусоидат менамояд [6,с.95].

Ба омӯзгор зарур аст, ки қобилиятҳои билқувваи эҷодиро дар ҳар як хонанда бубинад. Омӯзгор бояд дидани зуҳуроти эҷодии хонандагонро, на танҳо дар вақти дарсҳо, балки ҳангоми ҳар гуна фаъолияти дигар ёд гирад. Барои ин макктаббачагони хурдсол бояд бо намудҳои гуногуни фаъолият фаро гирифта шуда бошанд.

Ба нуктаҳои дар боло зикргардида, месазад илова намуд, ки барои инкишоф додани фаъолнокии эҷодии маърифатии шогирдони хурдсол омӯзгор бояд пеш аз ҳама худаш эҷодкор бошад. Агар омӯзгор худаш эҷодкорона фаъолият накунад, он гоҳ кӯдакони боистеъдод наметавонанд имконоти худро кашф ва амалӣ намоянд. Шиносоӣ бо таҷрибаи як қатор омӯзгорон нишон дод, ки рушди фаъолнокии эҷодии маърифатӣ ҷой дошта бошад ҳам, аммо ҷанбаи тасодуфӣ дорад ва аксаран, аз тарафи омӯзгорон аз рӯйи фаросат, бидуни дониши амиқи мухтаво ва методикаи инкишофи ин сифати шахсият амалӣ карда мешавад. Танҳо ҳангоми мавҷуд будани робитаи байниҳамдигарии мувофиқи фаъолияти дарсӣ ва беруназдарсӣ метавон натиҷаҳои мусбати рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии шогирдони хурдсолро бо камтарин масрафи неруҳои ақлонӣ ҳам аз тарафи омӯзгор ва ҳам аз тарафи таълимгиранда ба даст овард.

Мутобиқи стандарти таҳсилот, барномаи асосии таҳсилоти ибтидоии умумӣ аз тарафи муассисаи таҳсилотӣ ба воситаи ташкили фаъолияти дарсӣ ва беруназдарсӣ амалӣ карда мешавад. Машғулиятҳои дарсӣ банақшагирии дақиқ ва ташкили кори таҳсилотӣ, инчунин назорати муназзами раванд ва натиҷаҳои фаъолияти таълимию маърифатиро таъмин менамояд. Дар зимн, чунин машғулиятҳо барои ташкили гунавии эҷодии таълим, тарбия ва инкишофёбии шахсияти шогирди хурдсоли мактаб, фароҳамсозии шароити муносиб барои фаъолияти мустақилонаи хонандагон, барои баҳисобгирии вижагиҳои шахсии мактаббача, барои фардигардонии тафриқасозии таҳсилоти хонандагон, барои рушди муносибатҳои шарикии байниҳамдигарии калонсолон ва кӯдакон дар фаъолияти муштарак имкониятҳои маҳдуд доранд. Амалисозии бомуваффақияти иқдомоти номбаршуда дар фаъолияти беруназдарсӣ имконпазир мебошад. Фаъолияти беруназдарсӣ ба воситаи чунин шаклҳои машғулият, аз қабили экскурсияҳо, маҳфилҳо, "мизҳои мудаввар", конференсияҳо, мубоҳисаҳо, анҷуманҳои илмии мактабӣ, олимпиадаҳо, мусобиқаҳо, таҳқиқоти ҷустуҷӯӣ ва илмӣ, амалияҳои муфиди ҷамъиятии довталабона тибқи интихоби иштирокдорони раванди таҳсилот созмон

дода мешаванд.

Ҳамин тавр, барои рушди бомуваффақияти фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон ба ҳар як омӯзгор зарур аст, ки ба кори бонизоми ҳадафманди ташкили дарсҳо ва корҳои беруназдарсӣ саъю кӯшиш намояд. Низоми кори дарсӣ ва беруназдарсӣ бояд аз тарафи омӯзгор ҳамроҳ бо дигар иштирокдорони раванди педагогӣ: хонандагон, падару модарони онҳо, кормандони муассисаҳои ғайримактабӣ тарроҳӣ карда шавад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Андреев, В. И. Педагогика: учеб.курс для творческого саморазвития / В. И. Андреев. — 3-е изд. — Казань : Центр инновационных технологий, 2003. — 608с.
2. Водзинский, Д. И., Жизнь и педагогическое наследие В. А. Сухомлинского. - Минск, 1979. - 422 с.
3. Запорожченко, Л. И. Проблема развития познавательной активности в научно-педагогической литературе / Л.И.Запорожченко Социально-экономические явления и процессы.-2012.-№5-6.-С.219-223.
4. Леонтьев, А. Н. Потребность, мотивы, эмоции / А. Н. Леонтьев. — Москва : Изд-во Моск. ун-та, 1971. — 40с.
5. Максимова, С. В. Диагностика развития творческой активности младших школьников: в 2ч. Ч. 1: ФГОС/ С.В.Максимова.—Москва: Русское слово, 2013. — 56с.
6. Матюшкин, А.М. Развитие творческой активности школьников / А. М. Матюшкин, И. С. Аверина. — Москва : Педагогика, 1991. —160с.
7. Рубинштейн, Л.С. Основы общей психологии / Л. С. Рубинштейн. — Санкт-Петербург: Питер, 2001 . — 720с.
8. Пономарев, Я. А. Психология творчества: общая, дифференциальная, прикладная / *Я.* А. Пономарев. — Москва: Наука, 1990. — 222.
9. Талызина, Н. Ф. Педагогическая психология / Н. Ф. Талызина.—Москва: Академия, 1998. — 288 с.
10. Torrance, E. Guiding creative talent / E. Torrance. — Englewood Cliffs, New York :Prentlce-Hall, 1964. — 128с.


**REFERENCES:**


1. Andreev, V.I. Pedagogy: training course for creative self-development / V.I. Andreev. The 3rd edition. - Kazan: Center for Innovative Technologies, 2003. – 608 p.
2. Vodzinsky D.I. V.A. Sukhomlinsky`s life and pedagogical heritage. - Minsk, 1979. - 422 p.
3. Zaporozhchenko, L.I. The problem of the development of cognitive activity in scientific and pedagogical literature / L.I. Zaporozhchenko. // Socio-economic phenomena and processes. - 2012. - №5-6. - P. 219-223.
4. Leontiev, A.N. Need, motives, emotions / A.N. Leontiev. - Moscow: Moscow State University publishing-house, 1971. – 40 p.
5. Maksimova, S.V. Diagnostics of the development of creative activity of younger schoolchildren: V2. - Ch. 1: Federal State Educational Standard / S.V. Maksimova. - Moscow: Russian Word, 2013. - 56 p.
6. Matyushkin, A.M. Development of creative activity of schoolchildren / A.M. Matyushkin, I.S. Averina. - Moscow: Pedagogy, 1991. – 160 p.
7. Rubinshtein, L.S. Fundamentals of general psychology / L. S. Rubinshtein. - St. Petersburg: Peter, 2001. – 720 p.
8. Ponomorev, Ya.A. Psychology of creativity: general, differential, applied / Ya.A. Ponomarev. - Moscow: Science, 1990. – 222 p.
9. Talyzina, N.F. Pedagogical psychology / N.F. Talyzina. - Moscow: Academy, 1998. - 288 p.
10. Torrance, E. Guiding creative talent / E. Torrance. - Englewood Cliffs, - New York: Prentlce-Hall, 1964. – 128 p.